# Тақриз

**ба автореферати диссертатсияи Исоев Собир Қурбоналиевич дар мавзӯи “Академик С.У. Умаров ва рушди илм дар Тоҷикистон”, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (Таърихи халқи тоҷик)**

Дар таърихи халқи тоҷик чеҳраҳои маъруф, ки бо фаъолият ва муҳаббати худ ба Ватан ҷиҳати рушди маориф, илм, техника ва иқтисодиёти Тоҷикистон саҳми босазо гузоштаанд, кам нестанд. Яке аз чунин шахсиятҳои маъруф – олими машҳур, ташкилотчии илм ва таҳсилоти олӣ, арбоби давлатӣ ва ҷамъиятӣ, ки тамоми ҳаёти худро дар роҳи хизмат ба Ватан сарф кардааст, академик Султон Умарович Умаров ба ҳисоб меравад. Мавсуф аз ҷумлаи шахсиятҳое буд, ки сифатҳои олии инсонӣ, чун виҷдон, масъулият, ихтисосмандӣ, адолат, ватандӯстӣ ва садоқат ба касби хешро қадр мекунанд.

Рӯзмаррагии мавзӯи диссертатсияи Исоев Собир Қурбоналиевич дар он аст, ки муаллиф масъалаҳои фаъолияти С.У. Умаровро ҳамчун шахс, олими табиатшинос ва ташкилотчии илм, дар таърихи илм, махсусан илми физика, ва маорифи халқҳои тоҷику узбеки асри XX саҳми босазо доштанашро нишон додааст.

Ҳадафи муаллиф ба низом даровардан, таҳлил ва ҷамъбаст кардани фаъолияти илмӣ, ташкилотчигӣ, омӯзгорӣ ва ҷамъиятии академик С.У. Умаров, саҳми ӯ дар рушди таҳсилоти олӣ ва илми академӣ дар заминаи даврони ӯ ба ҳисоб меравад.

Вазифаҳои дар таҳқиқот муайяншуда ва нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшуда пурра ба мақсад мувофиқат карда, арзиши илмии корро таъмин мекунанд. Ин далелро асосноккунии натиҷаҳои таҳқиқот, истифодабарии методҳои таҳлилӣ-мантиқӣ, таърихӣ, системавӣ ва муқоисавӣ зимни таҳқиқи паҳлӯҳои мухталифи масъалаи мазкур тасдиқ менамоянд.

Навгонии илмии диссертатсия дар нуктаҳои зерин зоҳир мегарданд, ки бори нахуст дар таърихнигории ватанӣ, дар заминаи манбаъҳои

муътамад рӯзгор ва мероси илмии С.У. Умаров ба таври маҷмӯӣ таҳқиқ шудааст, марҳилаҳои асосии ташаккул ва рушди ҷаҳонбинии олим шарҳ дода шудааст, осори илмии олим, ки ҷиҳати амиқ гардидани донишҳо барои рушди илми физикаи ватанӣ имкон медиҳанд, таҳлил шудаанд.

Диссертатсия дар асоси маъхазҳои ғанӣ навишта шуда, дар рафти таълифи он аз маводи бойгонӣ, матбуоти даврӣ ва хулосаҳои олимони соҳа истифода гардидааст.

Дар муқаддима мубрамияти мавзӯи таҳқиқот асоснок ва дараҷаи омӯхта шудани он муайян шуда, ҳадафу вазифаҳои пажӯҳиш, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявю амалӣ, заминаҳои методологӣ, объекту матлаб ва чаҳорчӯбаи хронологию ҳудудии он муқаррар гардидаанд.

Боби аввали диссертатсия – **«Ташаккулёбии фаъолияти илмӣ ва маъмурии С.У. Умаров»** номгузорӣ шуда, ба лаҳзаҳои муҳимми ҳаёт ва фаъолияти илмии академик С.У. Умаров дар ду ҷумҳурӣ - Ӯзбекистон ва Тоҷикистон бахшида шудааст.

Дар боби дуюми диссертатсия **«Саҳми академик С.У. Умаров дар тарбияи кадрҳои илмию педагогӣ»** саҳми академик С.У. Умаров ва нақши ӯ дар тарбияи кадрҳои баландихтисоси илмию педагогӣ, инчунин дар таъсис ва рушди муассисаҳои илмӣ дар ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон инъикос гардидааст. Инчунин саҳми олимро дар ташкил ва гул-гулшукуфии илмҳои академикӣ, таҳсилоти ҷамъиятӣ ва маориф дар Тоҷикистон ва Ӯзбекистон махсус арзёбӣ мекунад. Истеъдоди бисёрҷонибаи ӯ на танҳо дар истеъдоди олими физика, балки дар кори бузурги ташкилотчигии худ дар рушди илми бунёдӣ ва тайёр кардани кадрҳои баландихтисоси илмӣ ва педагогӣ зоҳир мешавад.

Боби сеюми диссертатсия **«Фаъолияти илмию иҷтимоӣ ва педагогии академик С. Умаров»**, номгузорӣ карда шуда, натиҷаҳои асосии фаъолияти илмӣ ва иҷтимоию педагогии академик С. Умаровро шарҳ медиҳад. Дар он фаъолияти илмӣ, омӯзгорӣ ва иҷтимоии С.У. Умаров нишон дода шуда, дар баробари фаъолияти пурсамари илмии академик,

инчунин саҳми олимро дар тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва омӯзгорон барои мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ инъикос менамояд.

Дар диссертатсия фикри ҷамъбастии муаллиф оид ба мавзӯъ, пешниҳоди назариявӣ ва тавсияҳои амалии ӯ оварда шудаанд.

Автореферати дисссертатсия мазмуни онро дуруст инъикос менамояд. Доир ба мавзӯи диссертатсионӣ муаллиф 8 мақолаҳоро навишта, аз он ҷумла 3 мақоларо дар маҷаллаҳои тақризшаванда аз чоп баровардааст.

Ҳамин тавр, диссертатсия дар мавзӯи **«Академик С.У. Умаров ва рушди илм дар Тоҷикистон»** ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва тибқи бандҳои 10, 11, 12-и тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ гардидааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он **Исоев Собир Қурбоналиевич** сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02 – таърихи ватанӣ мебошад.

**Мудири кафедраи таърихи умумии**
**МДТ “Донишгоҳи давлатии Бохтар**
**ба номи Носири Хусрав”,**
**номзади илмҳои таърих, дотсент: Алимов Давлаталӣ Халилович**

3 сентябри соли 2020

Имзои н.и.т., дотсент Алимов Д.Х.-ро
Тасдиқ менамоям
Сардори ШК ДДБ ба номи Носири Хусрав Шукурзод Ҷамшед Абдуҳалим

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67, МДТ “ДДБ ба номи Носири Хусрав”,
тел.: (83222) 2-54-81, (83222) 2-22-53
http: // www. btsu.tj, E-mail:ktsu78@ mail.ru.